# Хулосаи

комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 ба диссертатсияи номзадии Султонмамади Гулмамад дар мавзуи "Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ" барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 03.01.04-Биохимия.

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати зерин: раис - доктори илмҳои химия Раҷабзода С.И. ва аъзоёни комиссия - доктори илмҳои биологӣ, профессор Юлдошев Ҳ., номзади илмҳои биологӣ, дотсент Сафарова С.С., ки бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ("Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти №267" аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Султонмамади Гулмамад дар мавзуи "Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ" барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 03.01.04-Биохимия" ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд:

Мавзуи рисолаи номзадии Султонмамади Гулмамад актуалӣ мебошад, ки дар он аввлин маротиба таҳлили динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E.robustus* Regel) дар шароити гуногуни экологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки то ҳол оид ба мавзуъи мазкур таҳқиқоти илмӣ, қариб ки гузаронида нашудааст.

Рисола аз муқаддима, 4 боб, хулоса, феҳристи маъхазҳо (236 - сарчашма, аз ҷумла 70-сарчашма бо забони хориҷӣ) иборат буда, 156 саҳифаи чопи компютерӣ, 19 - ҷадвал ва 43 расмро дар бар гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот:** омӯхтани динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E.robustus* Regel) вобаста ба шароити гуногуни экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Ҳангоми омӯзиш унвонҷӯи дарёфти дараҷаи илмӣ ошкор намудааст, ки бори аввал аз таркиби Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) пайвастагиҳои фитохимиявӣ ба монанди чарби мумӣ, фенолҳо, карбогидратҳо ва сафедаҳо ҷудо карда шудааст, ки растании номбурда дорои пайвастагиҳои фитохимиявии зиёд мебошад. Пайвастагиҳои омӯхташуда, дар раванди истеҳсолоти доругиҳои растанигии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳадди имкон нав мебошад. Аз тарафи дигар, бо мурури пайдо шудани парвариши ин навъи растаниҳо дар шароити гуногуни экологии ҶумҳурииТоҷикистон дар назар аст, ки ба истеҳсолот додани навъҳои растаниҳои шифобахш ва омӯхтани таркиби растаниҳои

эфемероидӣ мукаммалтар мегардад. Бори аввал дар шароити агроиқлимии минтақаҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираи умумии массаи биологӣ, усули ҷудо намудани пайвастагиҳои фитохимиявӣ аз узвҳои растанӣ вобаста ба давраҳои инкишоф, муайян намудани хосиятҳои физикӣ-химиявӣ ва захрнокии баъзе аз пайвастагиҳои фитохимиявии растании таҳқиқотшаванда, ки аз тарафи олимони дигар мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст, омӯхта шудааст. Натиҷаи таҳқиқоти саҳроии амалию назариявии унвонҷӯи дарёфти дараҷаи илмӣ дар илм қадами нав мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**: Пайвастагиҳои фитохимиявие, ки аз таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) ба даст омадааст, метавонад дар соҳаи фармасевтӣ роҳи нав кушояд. Глюкоманнане, ки аз решаи растании *E. hissaricus* Vved гирифта шудааст, моддаи захрнок набуда, барои таҳияи доруҳои растанигии зиддимикробӣ тавсия дода мешавад. Пайвастагиҳои, чарби мумӣ, карбогидратӣ, фенолӣ ва флавоноидҳо, ки аз растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) ба даст омадааст, дар соҳаи тиб, дорусозӣ, микробиологӣ, хӯрокворӣ ва ғайра тавсия намудан мумкин аст.

Диссертатсия ба талаботи банди 67 ва 69-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми химияи органикӣ дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд.

Диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисоси 03.01.04 – «Биохимия» мутобиқат мекунад:

Аслияти матни автореферат 84%-ро аз ҳаҷми умумӣ ташкил медиҳад; иқтибосҳо ба таври дақиқ ҷо ба ҷо шудааст; маводи гирифтае, ки дар рисола бе истинод ба муаллиф истифода шудааст ё манбаъҳои истинодшуда пайдо нашудаанд, корҳои илмие, ки довталаб барои гирифтани унвони ҳаммуалифӣ бидуни истинод ба ҳаммуалифон иҷро кардааст, муайян карда нашудааст.

**Интишори натиҷаҳои таҳқикот.** Мазмуни асосии рисола дар 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия, 6 фишурдаи илмӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва 4 фишурдаи илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ нашр карда шудаанд.

Рисолаи номзадии Султонмамади Гулмамад ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (“Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти №267” аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ҷавобгӯ мебошад.

Таҳлили масоили ба омӯзиши равандҳои биохимиявӣ имконият медиҳанд, ки рисолаи номзадии Султонмамади Гулмамад дар мавзуи

“Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ” барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 03.01.04-Биохимия тавсия карда шавад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши рисолаи номзадии Султонмамади Гулмамад **Комиссия тавсия мекунад:**

1. Рисолаи номзадии Султонмамади Гулмамад дар мавзуи “Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ” барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 03.01.04-Биохимия дар Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-038 қабул карда шавад.

2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқарризони расмӣ дар ҳайати:

-Каримов Музаффар - доктори илмҳои биологӣ, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

-Наврузбекова Мунира Давлатшоевна- номзади илмҳои биологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев таъин карда шаванд.

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи биохимия ва генетика интихоб карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи кушод ва ҷойгир намудани **автореферати диссертатсия** дар сомонаи Муассиса, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи **автореферати диссертатсия** бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхисӣ,
д.и.х. — Раҷабзода С.И.

Аъзоёни комиссия:
д.и.б. — Юлдошев Ҳ.
н.и.б. — Сафарова С.С.

**Имзоҳои** д.и.х., профессор Раҷабзода С.И., д.и.х., профессор Юлдошев Ҳ. ва н.и.б., Сафарова С.С.-ро **тасдиқ мекунам:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ — Ибрагимова С.

02. 04. 2024

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ